# Давлат ва бахши хусусӣ – ҳамкориҳои созанда барои рушди устувор

Ба ҳамагон маълум аст, ки бахши хусусӣ муҳаррики рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи хоса медиҳад.

Дар ин замина, бо мақсади ташаккул ва густариши ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2007 инҷониб Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (минбаъд Шӯрои сармоягузорӣ) фаъолият менамояд.

Шӯрои сармоягузорӣ дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилаи созанда бо мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва иттиҳодияҳои онҳо, ислоҳоти заруриро оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд *(расми 1)*.

Тавре, ки аз Намудор аён аст, Шӯрои сармоягузорӣ майдони муколамаи озод байни бахши хусусӣ ва давлат мебошад. Ин муколама дар ҷаласаҳои Шӯрои сармоягузорӣ ва берун аз онҳо бо доир гардидани мулоқотҳо мунтазам сурат мегирад, ки дар рафти он шарикони рушд



**З. ЗАВҚИЕВ,** Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

(донорҳои молиявӣ) низ иштирок менамоянд.

Шӯрои сармоягузорӣ дар ҳайати Раиси Шӯро ва аъзои он таъсис дода шудааст. Раиси Шӯрои сармоягузорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аъзоёни доимии он Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Котиби масъули Шӯрои сармоягузорӣ ва роҳбари Котиботи Шӯро ба ҳисоб меравconfigured. Ба ҳайати Шӯрои сармоягузорӣ намояндагони ташкилотҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба (1 нафарӣ), сармоягузорони хориҷӣ (1 нафар) ва бахши хусусии ватанӣ (5 нафар) шомил мебошанд.

Дар тӯли фаъолияти пурсамари худ Шӯрои сармоягузорӣ таҳти сарварии Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 ҷаласаи худро доир намуд, ки дар онҳо як қатор масъалаҳои муҳими беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарорҳои созанда қабул гардиданд.

Мақомоти кории Шӯрои сармоягузорӣ Котиботи он буда, барои таъмин намудани фаъолияти самараноки Шӯро, аз ҷумла дастгирии муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ, гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро ва доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро вазифадор мебошад.

Ҳамчунин, Котиботи Шӯро фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон ва иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, сармоягузорони хориҷӣ ва гурӯҳҳои кориро вобаста ба доир намудани ҷаласаҳои Шӯрои сармоягузорӣ ҳамоҳанг менамояд. Дар ин радиф, Котибот ҷараёни интихоби мавзӯҳои ҷаласаҳои Шӯрои сармоягузорӣ (ҷараёни филтратсия)-ро бо иштироки бевоситаи бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд мегузаронад.

**Дар тӯли фаъолияти ıурсамари худ Шӯрои армоягузорӣ таҳти арварии Раиси Шӯро, Iрезиденти Ҷумҳурии 'оҷикистон, мӯҳтарам Имомалӣ Раҳмон 9 ҷаласаи худро доир ıамуд, ки дар онҳо к қатор масъалаҳои ıуҳими беҳтар намуда-и фазои сармоягузорӣ а рушди фаъолияти оҳибкорӣ мавриди 'аррасӣ қарор гирифта, ıарорҳои созанда қабул ардиданд".**




Принсипи асосии чараёни мазкур аз он иборат аст, ки мушкилоти мавҷудаи соҳибкорону сармоягузорон муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо ба Шӯрои сармоягузорӣ пешниҳод карда шаванд.

Умуман, самти асосии фаъолияти Шӯрои сармоягузорӣ ва Котиботи он ҳамчун мақомоти кории Шӯро, мусоидат намудан ба рафти ислоҳоти иқтисодӣ ва тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ мебошад, ки барои ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ва мувофиқан таъмини рушди устувори иқтисодӣ заминаи хуб фароҳам меорад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои зикргардида, дар давоми фаъолияти Шӯрои сармоягузорӣ, як қатор ислоҳоти зарурӣ гузаронида шуданд, ки бешубҳа ба беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ мусоидат менамоянд.

Аз ҷумла бо қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ислоҳоти зарурӣ дар самтҳои ташкили равзанаи ягона оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ҳимояи сармоягузорон, мукаммал намудани низоми иҷозатдиҳӣ, такмил додани муносибатҳои мақомоти давлатӣ тавассути рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сохтмон, ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ташкили фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав, рушди бозори амалиёти лизингӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва пурзӯр намудани иқтидори содиротии меваю сабзавот ва дигар самтҳои афзалиятноки беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ татбиқ карда шуданд. Ҳоло корҳои асосӣ барои таъсиси равзанаҳои ягона оид ба воридоту содироти молу маҳсулот ва дастрасии иҷозат барои сохтмон амалӣ гардида истодаанд.

Айни замон, аз ҷониби Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ лоиҳаи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ барои давраи миёнамӯҳлат таҳия гардида истодааст. Ҳуҷҷати мазкур ҳалли масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти пурсамари Шӯрои сармоягузорӣ ва Котиботи он, инчунин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Дар доираи фаъолияти Шӯрои сармоягузорӣ ва Котиботи он, ба гузаронидани ислоҳоти лозимӣ дар панҷ самти муҳим - соддагардонии низоми андозбандӣ, тақвиятбахшии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, банизомдарории санҷиши фаъолияти соҳибкорон, соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои иловагии маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкории тавассути иҷозатнома амалишаванда афзалият дода шудааст.

Лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо иштироки намояндагони бахши хусусӣ ва мақомоти давлатӣ дар ҷаласаи 9-уми Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Намояндагони бахши хусусӣ изҳори нигаронӣ карданд, ки таклифу пешниҳодоти онҳо, аз ҷумла оид ба содда ва оммафаҳм намудани лоиҳаи Кодекс, паст кардани меъёри андозҳо ва бекор кардани баъзе намудҳои онҳо ва дигар

пешниҳодот дар лоиҳаи Кодекси андоз ба таври лозимӣ ба инобат гирифта нашудаанд. Аз назари соҳибкорон лоиҳаи Кодекси пешниҳодшуда дар маҷмӯъ барои андозсупорандагон вазнин буда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодии дарозмуддати мамлакат ба таври зарурӣ мусоидат карда наметавонад.

Бинобар ин, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои сармоягузорӣ ба масъулин супориш дода шуд, ки лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагон, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалиро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.

Инчунин супориш дода шуд, ки лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ мавриди ташхис қарор дода шуда, вобаста ба таъсири манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз таҳия карда шавад.

Ҳамкориҳои созандаи байни давлат ва бахши хусусӣ омили асосии таъмини рушди устувор мебошад. Зеро тавассути татбиқи механизми дурусти ҳамкориҳои байни давлат ва бахши хусусӣ бори вазнини буҷети давлатӣ сабук гардида, маблағҳои сарфшуда ба мақсадҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) сафарбар карда мешаванд, сармояи дохиливу хориҷӣ меафзояд, иншоотҳои инфрасохторӣ сохта мешаванд, сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ беҳтар мешавад, технологияи нав ворид мегардад, истеҳсолот васеъ мешавад ва сатҳи зиндагии мардум беҳтар мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам устувор намудани ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ ва дар ин замина, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ тибқи қарори Шӯрои сармоягузорӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" таҳия гардида истодааст, ки он ба баррасии ҷаласаи навбатии Шӯрои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад.

Имрӯзҳо муколамаи озоди байни давлат ва бахши хусусӣ аз сатҳи умумимиллӣ ба сатҳи минтақавӣ низ паҳн мешавад. Бо мақсади густариши муколама ва ҳамкориҳои байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ, бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Хатлону Суғд таъсис дода шуда, таъсиси чунин шӯроҳо дар шаҳри Душанбе ва водии Рашт бо ҷалби намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар назар аст.

Бо мақсади ба низом даровардани санҷиши фаъолияти соҳибкорон ва аз байн бурдани санҷишҳои беасос, бо қарори Шӯрои сармоягузорӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" таҳия гардида истодааст, ки он дар ҷаласаи ояндаи Шӯрои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Ҷиҳати бартараф намудани монеаҳо барои рушди соҳибкорӣ бо қарори Шӯрои сармоягузорӣ таҳлилҳо оид ба соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкории бо иҷозатнома амалишаванда гузаронида шуда, натиҷаҳои онҳо ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод карда мешаванд.

Котиботи Шӯрои сармоягузорӣ минбаъд ҳам ҷидду ҷаҳд менамояд, ки ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва тақвият додани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҳаматарафа мусоидат намояд.

Итминони комил дорем, ки дар оянда фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди бахши хусусӣ такони бузург хоҳад бахшид.